**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**
**_______________ Саидзода И.Ҳ.**
**«_24_» _11_ соли 2025**

**Протоколи № 4**
ҷаласаи Маркази миллии қонунгузории назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

24.11.2025 ш. Душанбе

**Раиси ҷаласа: н.и.ҳ. Саидзода И.Ҳ.**
**Котиб: Шеров Ш.З.**

**Иштирок доштанд:** муқарризон ва кормандони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС

1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дисертатсияи Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1.– Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷид – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Шунида шуд:** Унвонҷӯ Матробов Матроб Хурамович маърӯза намуда, дар бораи мубрамӣ ва зарурати таҳқиқоти диссертатсионии худ маълумот дод.

Унвонҷӯ иброз намуд, ки омӯзишу таҳлили мониторинги ҳуқуқӣ, бахусус мониторинги қонунгузорӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ташаккули фаъолияти қонунгузории муассир буда, дорои шаклу унсурҳо ва методологияи хосси худ мебошад.

Мониторинги қонунгузорӣ ё қонунҳо навъи мониторинги ҳуқуқист, ки дар раванди таҳияи лоиҳаи қонунҳо, қабул ва тадбиқи онҳо истифода мешавад. Он дар таҷрибаи байналмилалӣ механизми нав набуда, аллакай дар дигар давлатҳо татбиқ карда мешавад. Дар давлатҳои пасошуравӣ аз ҷумла, Қазоқистон, Россия, Белорус мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сатҳи қонуни алоҳида муқаррар гардидааст.

Дар ин кишварҳо қонун дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуда, асосҳои методологии он коркард ва мақомоти ваколатдор таъсис дода шудааст. Унвонҷӯ мубрамият ва гузориши масъалаи мазкурро ба Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон, ки дар соли 2008 ироа гардида буд, нисбат медиҳад.

Доир ба масъалаи рӯзномаи ҷаласа директори Марказ, н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ. баромад намуда, қайд кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» нахустин пажуҳиш дар илми ҳуқуқшиносии кишвар ба шумор меравад. Мавзуи таҳқиқоти мазкур яке аз самтҳои асосии таҳқиқотии Маркази миллии қонунгузорӣ ба шумор меравад.

Унвонҷӯ соли 2006 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2011 аз рӯи ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор хатм намудааст. Номбурда бо фармоиши директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2023 ба ҳайси унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Мавзуи диссертатсия бо қарори Шӯрои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 феврали соли 2023, №4 тасдиқ шудааст.

Унвонҷӯ дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ адабиёти васеи илмии олимони ватанӣ ва хориҷиро мавриди таҳқиқ қарор дода, тарзи навишт, сохт ва усули таҳқиқотро риоя кардааст. Рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ аст.

Доир ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ унвонҷӯ муаллифи зиёда аз 20 мақолаву маводҳои илмӣ-таълимӣ чоп кардааст, ки 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён саволҳо пешниҳод шуда, ба ҳамаи саволҳо унвонҷӯ Матробов М.Х. посухҳои пурраву мукаммал дод.

**Роҳбари илмӣ:** Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Зоир Ҷурахон Маҷид баромад намуда, оид ба фаъолияти илмии Матробов М.Х. маърӯза намуд. Ӯ қайд кард, ки унвонҷӯ дорои қобилияти баланди илмӣ-таҳлилӣ буда, диссертатсияи унвонҷӯ натиҷаи таҳқиқоти чандсола ва фарогир маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ моҳияти бузурги илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дошта, истифодаи мониторинг ҳамчун падидаи нав ба рушди минбаъдаи қонунгзории Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Муқарризон:** Ба диссертатсияи мазкур муқарризони беруна н.и.ҳ. Соҳибзода М.М., н.и.ҳ. Куканов А.З., н.и.х. Саъдизода Ҷ.М., н.и.х. Сулаймонов М. тақриз пешниҳод карданд.

Дар тақризҳои онҳо муҳимияти мавзуъ дарҷ гардида, қайд шудааст, ки падидаи мониторинги қонунгузорӣ то ҳол дар адабиёти ватанӣ ба таври пурра таҳлил нагардида, омӯзиши ин мавзуъ ба рушду инкишофи қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани сифати қонунҳо, ҳамзамон самаранокии иҷроиши онҳо мусоидат мекунад. Унвонҷӯ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кушидааст, ки тавсифи умумии мониторинги ҳуқуқӣ ва қонунгузориро дар асоси маводи зиёди илмӣ-назариявӣ шарҳ дода, ҳамчунин асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва механизми амалигардонии онро таҳлил намудааст.

Мубрамияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки падидаи мониторинги қонунгузорӣ то ҳол дар адабиёти ватанӣ ба таври пурраи таҳлил нагардида, омӯзиши ин мавзуъ ба рушду инкишофи қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани сифати қонунҳо, ҳамзамон самаранокии иҷроиши онҳо мусидат мекунад.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат мекунад. Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссератсионӣ аз ҷониби унвонҷӯ коркард шудааст. Унвонҷӯ эродҳои пешниҳодшударо бартараф намуда, тавсияҳои судманди илмиро барои такмили таҳқиқоти диссертатсионӣ корбарӣ кардааст.

Ҳамчунин оид ба масъалаи муҳокимашаванда иштирокчиёни ҷаласа, сардорони воҳидҳои сохтории Маркази милли қонунгузорӣ, аз ҷумла, муовини директор, Шарифзода Ф.Ш., н.и.ҳ., Бобокалон Ғ.М. ва дигар иштирокчиён фикру ақидаҳои худро баён намуда, дар бораи мубраммияти мавзуъ ибрози ақида карданд. Ба назари онҳо унвонҷӯ дар рисолаи худ ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии яке аз падидаҳои муосири ҳуқуқӣ – мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ

қарор гирифтааст, ки дар шароии муосири такмили қонунгузорӣ мубрам мебошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ҷаласаи Марказ,

**қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯ Матробов Матроб Хурамович дар мавзуи «Мониторинги қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ» ба ҳимоя тавсия карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 ноябри соди 2025, №4 қабул карда шуд.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: ҳамагӣ 30 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 30 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Саидзода И.Ҳ.**

**Котиби ҷаласа** **Шеров Ш.З.**

**Имзоҳои Саидзода И.Ҳ. ва**
**Шеров Ш.З.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори бахши кадрҳо ва коргузории**
**Маркази миллии қонунгузории назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Холализода А.**
«24» 11 2025

Суроға: 734024, ш. Душанбе,
кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.
Почтаи электрогнӣ: info@mmk.tj
Сомона: https://mmk.tj/